«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж. Б.____
«____» августи соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илмӣ.** Диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло, ки дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» бахшида шудааст, ба банди 4-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Омӯзиш ва баррасии ҳаёт ва эҷодиёти бузургони адабиёти форсии тоҷикӣ то замони рушди адабиёти муосир ва даврони Истиқлол як қатор корҳои таҳқиқотиро ба вуҷуд оварда, дар самтҳои ҷудогона рушд ва ташаккул медиҳад. Барои равшан намудани масъалаҳои муҳим ва дар чунин тамоюл ташаккул ёфтани онҳо дастовардҳои зиёди илмӣ ба даст омадаанд. Диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло, ки ба самти фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик дар замони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX бахшида шудааст, гувоҳи ба адабиётшиносии тоҷик ворид намудани тозакорӣ ва навовариҳо мебошад.

Аҳаммияти самти фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX), ки ҳадафи асосии таҳқиқи рисолаи мавриди гуфтугӯ мебошад, пеш аз ҳама дар он аст, ки афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ дар пайвандии адабиёти классикӣ ва адабиёти муосири тоҷик муайян мешавад, зеро дастовардҳои маънавии гузашта ва таҷрибаҳои андӯхташудаи ниёгон ба даврони ҷадид интиқол меёбанд.

Омӯзиш ва таҳқиқи фирдавсишиносии замони шуравӣ дар пажуҳишҳои минбаъдаи даврони Истиқлоли кишвар густариш пайдо карда, дар ҳаёти маънавии халқ дастури омӯзандаи ахлоқӣ, фарҳангӣ ва инсонӣ гаштааст. «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ пайваста дар мадди назари Ҳукумати кишвар, бевосита Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, оид ба дарк ва ҳифзи он дар ҷомеаи кунунии тоҷик тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд.

Мавзуи пешниҳоднамудаи диссертант ба таври шоиста мавриди таҳқиқ қарор гирифта, метавон гуфт, ки он дуруст интихоб шуда, ҳаллу фасли ин мавзуъ имкон фароҳам меорад, ки як паҳлуи омӯхтанашудаи илмӣ-пажуҳишӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шавад.

Диссертант аз таҳқиқоти дар доираи самти фирдавсишиносӣ огоҳ буда, дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ ба манобеи асосӣ такя карда, ҷумлаи зиёди таҳқиқотеро, ки дар ин самт таълиф шудаанд, ёдовар шудааст. Ин андеша далолат ба он дорад, ки Одиназода Сафармоҳ Нурулло бо кӯшиши баланди таҳқиқотӣ мавзуи мазкурро баррасӣ намуда, дар доираи рисолаи монографӣ пешниҳод кардааст, ки аз лиҳози интихоб ва баррасии мавзуъ навовариҳо ва тозагиҳои илмии зиёдеро доро мебошад.

Хусусан, масъалаҳои таҳқиқи самти фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик, ҳарчанд аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ба андешаи мо, аҳаммияти вижа дошта бошанд ҳам, аз ҷиҳати назарӣ ва амалӣ ба таври куллӣ барои таъйини вижагиҳои самти фирдавсишиносӣ мусоидат намудаанд, ки то кунун дар адабиётшиносии тоҷик ба таҳқиқу баррасии ин мавзуъ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир нашудааст.

Ҳадафи асосии диссертатсия таҳқиқи фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX) буда, дар натиҷаи омӯзиш самтҳои гуногуни таҳқиқ, ҷойгоҳи он дар насру назм, тарҷума ва масъалаҳои иҷтимоии фирдавсишиносӣ баррасӣ гардидаанд. Масъалаҳои асосии фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистони шуравиро маҳз корҳои пажуҳишии

адабиётшиносону фирдавсишиносон, асарҳои бадеии адибон ва тарҷумаҳои гуногуни мутарҷимони шуравии тоҷик ташкил медиҳанд.

Диссертатсияи мавриди баррасӣ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мутобиқат мекунад.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ дар шакли хулосаю пешниҳод дар диссертатсия оварда шудаанд. Диссертант аз таҳқиқи масъалаҳои кори илмии худ ба таври вижа ва зарурӣ натиҷагирӣ намуда, онҳоро тибқи талабот дар гузоришу маърузаҳои ҳамоиш, конференсияҳои сатҳҳои гуногун, дарсҳои таърихи адабиёти давраи классикӣ ва муосир ва дар курсҳои такмили ихтисос ироа ва нашр намудааст. Маводди мавриди истифода қарор гирифтаи муаллиф сифат ва сатҳи таҳлилу хулосабарориҳои диссертантро тасдиқ менамояд.

Нововарии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда дар он зоҳир шудааст, ки фирдавсишиносӣ ҳамчун самти алоҳида рушд намуда, афкори маънавии тоҷиконро муайян сохта, бори аввал мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант, дар таҳқиқи мавзуъ маводди муҳимми назарию адабиро ҷамъоварӣ намуда, масъалаҳои муҳимтарини ба мавзуъ марбутро дуруст мушаххас карда, онҳоро бо далеловариҳои комил мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Масъалаҳои асосии мавриди пажуҳиши диссертант нишон додани самти фирдавсишиносӣ ва таъсири он дар ҳаёти маънавии тоҷик дар марҳилаи муайяни замони шуравӣ мебошанд. Диссертант бо такя ба андешаҳои донишмандони тоҷик, аз қабили Ш. Ҳусейнзода, Х. Шарифов, А. Афсаҳзод, А. Сатторов, Р. Мусулмонқулов, К. Айнӣ, С. Муллоҷаев, А. Мирзоев, М. Раҷабӣ ва ҳамчунин олимону ховаршиносони рус Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, М.Н. Османов, М. Явич ва дигарон кори таҳқиқотии худро анҷом додааст.

Илова бар ин, диссертант аз эҷодиёти шоирону нависандагони шуравии тоҷик, ки суннатҳои адабиёти классикиро муваффақона идома додаанд, истифода намудааст. Адибони муосири тоҷик бо таъсирпазирӣ аз

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ эҷодиёти худро бо маҳорати хосс таълиф карда, ба адабиёти муосири тоҷик ба воситаи пайравӣ ба анъанаҳои адабии гузашта навовариҳои тозаи бадеӣ ворид намудаанд. Ба қатори чунин шоирону нависандагони навҷӯи муосири тоҷик А. Лоҳутӣ, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, М. Турсунзода, Ф. Муҳаммадиев, Ф. Ниёзӣ, М. Миршакар, А. Деҳотӣ, М. Қаноат, Л. Шералӣ, Б. Собир, Гулрухсор ва дигарон дохил мешаванд.

Чуноне ки ба назар мерасад, муҳаққиқ масъалаҳои калидии мавриди таҳқиқи худро огоҳона ҳаллу фасл карда, дар бораи сохтор ва муҳтавои самти фирдавсишиносӣ ҳамчун самти алоҳида таъкидҳо намуда, ба афкори маънавии тоҷик, чун озодии инсон, адолати иҷтимоӣ, ҳаёти меҳнаткашон, баробарҳуқуқӣ ва монанди инҳо дахл намуда, онҳоро мувофиқи матлаб ва дар сатҳи хубӣ илмӣ дуруст матраҳ карда, ба натиҷаҳои дилхоҳ даст ёфтааст. Ҳамаи ин навоварӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастовардаи диссертантро мушаххас менамоянд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия.** Масъалаҳои дар диссертатсия ҳалшуда бо муҳтавои хуб ва натиҷагириҳои амиқ метавонанд заминаи назарии самти фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷикро дар замони шуравӣ фароҳам созанд, мақоми шоирро бештар муайян намоянд, роҳҳои мушаххаси афкору андешаҳои шоир дар адабиётшиносии тоҷик мавриди истифода қарор дода шавад ва кори муҳаққиқониояндаро саҳл намояд.

Маводди таҳқиқии дар диссертатсия фароҳамомада, метавонад дар таълифи китобҳои адабиётшиносии тоҷик, равобити адабӣ, таърихи адабиёти муқоисавӣ, таҳияи корҳои курсӣ, навиштани корҳои дипломӣ ва рисолаҳои хатм, гузаронидани семинарҳои илмӣ ва монанди инҳо истифода шавад, ки инҳо ба арзиши амалии таҳқиқот далолат мекунанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар диссертатсия ҳамаи масъалаҳо бо усулҳои таҷрибашудаи илмӣ баррасӣ шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Афкори диссертант бо далелҳои мушаххас баён шуда, натиҷагирӣ шудаанд. Дастовардҳои диссертант ва хулосабарориҳои ӯ аз масоили мубрам маҳсуб ёфта, нуктаҳои муҳимму асосии онҳо дар шакли гузоришу мақола дар маҳфилу семинар ва конференсияҳо иброз гардида, ба нашр расидаанд, ки онон дараҷаи эътимоднокии таҳқиқотро тақвият бахшидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Мақсади асосии диссертатсияи мавриди баҳс таҳқиқ ва ошкор сохтани масъалаҳои муштаракоти мавзуӣ, вижагиҳои фирдавсишиносӣ, ташаккули ҳаёти маънавии тоҷик дар замони шуравӣ мебошад, ки хушбахтона, муаллиф ба он даст ёфтааст.

Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст. Муаллиф дар таҳияи диссертатсия аз равишҳои илмии таҳқиқи муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлил, сохторӣ ва омориву тавсифӣ истифода бурдааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Диссертант вобаста ба мавзуи диссертатсия 11 мақола таълиф кардааст, ки аз он 7 мақолааш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд ва гувоҳи саҳми ӯ дар ин риштаи илм мебошанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар диссертатсия асосан масъалаи вижагиҳои фирдавсишиносӣ ва ташаккули ҳаёти маънавии тоҷик дар замони шуравӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифта, диссертант вазифаҳои ба ухда доштаашро комилан иҷро кардааст.

Бар ин асос, метавон ба чунин натиҷа расид, ки диссертатсияи аз ҷониби Одиназода Сафармоҳ Нурулло таълифшуда бо дарназардошти дастабандии мураттаби мавзуоти баррасишаванда, тарҳи мантиқан муназзами бобу зербобҳои диссертатсия ва нуктаҳои аслии барои дифоъ пешниҳодшаванда, бо равишҳои тозаву дидгоҳҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва

баррасӣ қарор додани масоили мавриди баҳс пажуҳишу таҳқиқи муфассалеро дар заминаи фирдавсишиносӣ ташкил додаанд, ки қобили арзиш ва шоистаи таҳсин мебошад.

Диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло аз муқаддима, се боб, зерфаслҳо, хулоса ва адабиёти истифодашуда таркиб ёфта, 199 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ мушаххас шудаанд. Дар баробари ин, оид ба объект ва предмет, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳо ва навовариҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуъ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқшаванда, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби аввали диссертатсия «Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва рушди фирдавсишиносӣ (солҳои 50-80-уми асри XX)»** ном дошта, аз 2 фасл иборат аст. Дар фасли аввал, ки «Заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таъсири онҳо дар ташаккули афкори адабии тоҷик (дар асоси фирдавсишиносӣ)» унвон дорад, муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои адабӣ ва рисолаҳои илмӣ масъалаҳои муҳимми самти фирдавсишиносиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Диссертант дар ин фасл кӯшиш кардааст, ки нуктаҳои асосии илмиро дар рисолаи хеш баён намояд. Ба ақидаи муаллиф, фирдавсишиносӣ дар замони шуравӣ дар ташаккул ва таҳаввули афкори адабии халқи тоҷик таъсири махсус гузошта, ба ду марҳила ё давра ҷудо мешавад. Илова бар ин, диссертант дар ин фасл заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таъсири онҳоро дар ташаккули афкори адабии тоҷик дар заминаи фирдавсишиносӣ аз лиҳози мавзуӣ муқоиса намуда, умумият ва ҳамгунии онҳоро нишон додааст.

Дар фасли дувуми боби якум, ки «Рушди фирдавсишиносӣ дар Тоҷикистон (солҳои 50-80-уми асри XX)» номида шудааст, муаллиф саъй ба он доштааст, ки дар се зерфасли фасли мазкур сатҳи омӯзиши

фирдавсишиносиро дар Тоҷикистони шуравӣ муайян намояд. Дар ин се зерфасл муаллиф ба хулосае омадааст, ки таҳқиқи фирдавсишиносӣ чеҳраи воқеии шоир, таъсири афкору андешаҳои ӯ дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди шуури ҷомеаи шуравиро муайян намуда, ташаккул ва таҳаввули фирдавсишиносиро мушаххас месозад.

**Боби дуюми рисола «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва насри муосири тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)»** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Фасли аввали боби дувум "Шоҳнома"- и Абулқосим Фирдавсӣ ва насри муосири тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)" унвон гирифта, дар мавриди асарҳои манзуму мансури замони шуравӣ, ки бо таъсирпазирӣ аз "Шоҳнома"- и Абулқосим Фирдавсӣ эҷод шудаанд, андешаҳои илмӣ баён ёфтаанд. Муҳаққиқ дар осори С. Айнӣ, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Ф. Муҳаммадиев, Ф. Ниёзӣ ва дигар адибони муосири тоҷик чунин таъсирпазириро ба мушоҳида гирифта, таъкид менамояд, ки аксари адибони замони шуравӣ дар ҷараёни эҷоди осорашон аз таълифоти Абулқосим Фирдавсӣ баҳрабардорӣ намудаанд.

Фасли дуюми боби дувум "Шоҳнома"- и Абулқосим Фирдавсӣ ва назми муосири тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)" номгузорӣ шудааст ва муаллифи диссертатсия тавзеҳ бар он мегузорад, ки таъсирпазирӣ аз осори ниёгон дар эҷоди адибони замони муосир боис ба беш аз пеш тамаддунофару мушаххасбаён ва баландфарҳанг гардидани хонандаи тоҷик дар замони шуравӣ гардидаанд.

Фасли сеюми боби дуюми диссертатсия - "Анъана ва навоварӣ дар адабиёти муосири тоҷик дар заминаи фирдавсишиносӣ (солҳои 50-80-уми асри XX)" унвон гирифтааст ва дар ин фасл аз осори шоирони зиёди муосири тоҷик, аз қабили А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, М. Миршакар, А. Деҳотӣ, Л. Шералӣ, М. Қаноат, Б. Собир, Гулрухсор ва чанде дигарон намунаҳоеро меорад, ки аз анъанаҳои суннатии адабиёти классикӣ истифода карда, бо навгониҳои эҷодии хеш арзишҳои маънавии осори назмии адабиёти ин давраро баланд бардоштаанд.

**Боби сеюми диссертатсия «Таъсири ғояҳои меҳварии «Шоҳнома» дар ташаккул ва рушди афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)»** ном дошта, аз се фасл иборат аст.

Фасли аввали боби сеюм “Вижагиҳои ғоявии “Шоҳнома” дар ташаккули афкори адабии тоҷик” ном гирифта, дар ин қисмат таҳлили масъалаҳои ғоявӣ-бадеӣ ва арзишҳои маънавию маърифатӣ, аз қабили ватандӯстию худшиносии миллӣ, ифтихори миллӣ, азбаркунии дониши баланду парастиши хиради воло, ҳувияти миллӣ ва амсоли инҳо тавассути вижагиҳои баланди ғоявии ин шоҳасар мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Фасли дуюми боби сеюм “Ҷойгоҳи масъалаҳои худшиносии миллӣ дар ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)” ном дошта, дар он Фирдавсии бузург ҳамчун адиби ватанпарасту ҳувиятшинос, меҳандӯсту носеҳ ва тарбиятгари миллат тасвир гардида, саҳми беандозаи он ҳамчун тарбиятгари ахлоқии ҷомеаи ҷаҳонӣ тараннум шудааст.

**Хулосаи диссертатсияи** Одиназода Сафармоҳ Нурулло фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 13 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат дошта, ҷавобгӯи талаботи он мебошад.

Тахассуси илмии диссертант Одиназода Сафармоҳ Нурулло ба ихтисоси илмии дархостшаванда 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастоварду муваффақиятҳои илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам боло рафтани ҳусни илмии рисола хоҳад гардид. Аз ҷумла:

1. Дар қисме аз фаслҳои диссертатсия (фаслҳои 1 ва 2-юми боби I ва фасли 3-юми боби II) сабки илмии таҳқиқот бо услуби публитсистӣ омезиш ёфтааст.
2. Дар кори диссертатсионӣ қисман такрори андешаҳо (дар фаслҳои сеюми боби дувум ва фасли савуми боби савум) он ҷо, ки сухан аз хусусияти ғоявӣ ва сабки баёни адибони муосир ва таъсирпазирии онҳо аз эҷоди Абулқосим Фирдавсӣ меравад, ба мушоҳида мерасад.
3. Дар рӯйхати адабиёт манбаъҳои интернетии истифодашуда зикр мегардиданд, ҳусни рисола бештар меафзуд.
4. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки мебоист монанди хулоса кутоҳ бошанд, дар диссертатсия муфассал оварда шудаанд.
5. Дар диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобатӣ ба чашм расиданд, ки ислоҳи онҳо мувофқи мақсад мебошад.

Бояд гуфт, ки нуқсонҳои мавҷуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он асосан, вазифаҳои дар назди худ гузоштаро хуб иҷро кардааст. Бинобар ин, диссертатсияи илмии Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» таҳқиқоти комилан пухта ва анҷомёфта аст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Аз 11 мақолае, ки муаллиф навиштааст, ҳафттои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76 -79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, пешниҳод мегардад.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Шамсов Нурмад Сироҷович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёт муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №1/1, аз 15-уми августи соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 16 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 16 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Салими Хатлонӣ

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Шамсов Нурмад Сироҷович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Боев Шавкат Элмуродович

Имзоҳои С. Хатлонӣ, Н.С. Шамсов ва Ш.Э. Боевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи Сотим
Улуғзода Сиҷоатова Мунира Ғайратовна

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
7340003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: +992 (37) 232-50-29, +992 (37) 232-50-03.
E-mail: rectorat@mail.ru
17.08.2026